# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзуи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқуи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

1.Имрузҳо дар Тоҷикистон сохтмони бинои истиқоматӣ вусъат меёбад. Дар баробари фонди манзили давлатӣ, хизматӣ, фонди биноҳои истиқоматии хусусӣ сол то сол меафзояд. Дар кишвар таъмини шаҳрвандон ба биноҳои истиқоматии дастрас, сифатнок ва мусоид яке аз самтҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ – иқтисодии давлат мебошад. Дар Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 27. 04 соли 2022, № 203 тасдиқ шудааст, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба манзили истиқоматии хушсифат яке аз ҳадафҳои рушди соҳавӣ эътироф гардидааст. Яке аз воситаҳои таъмини аҳолӣ ба манзили истиқоматӣ шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мебошад.

Шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби 60 Кодекси маданӣ муқаррар шудааст, ки аз 1 июли соли 2023 мавриди амал гардид. Мутобиқи қисми якуми моддаи 1158 ҳамин кодекс мутобиқи шартномаи мазкур як тараф (ҳиссагузор) ухдадор мешавад, ки бо риояи шарт ва муҳлати шартнома, нархи муайяншударо ба тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) пардохт намояд, тарафи дигар (ширкати сохтмонӣ) ухдадор мегардад, ки объекти сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматиро сохта, ба тарафи дигар (ҳиссагузор) пешниҳод

намояд. Аз мафҳуми овардашуда бармеояд, ки ҳиссагузор то ба анҷом расидани сохтмони бинои истиқоматӣ ва қабули он аз ҷониби Комиссияи салоҳиятнок ҷиҳати ба меъёрҳои сохтмонӣ, шаҳрсозӣ ва дигар талаботҳо мутобиқати ашёи ғайриманқули зикршуда, маблағи пулиро мегузаронад. Ба ивази пардохти ин маблағи пулӣ ширкати сохтмонӣ уҳдадор мешавад, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда, бинои истиқоматиро пурра сохта, ба ҳиссагузор пешниҳод намояд.

Ҳамзамон таҳлилҳои амалӣ нишон медиҳад, ки на ҳама вақт ширкати сохтмонӣ ин уҳдадории худро ба таври дахлдор иҷро менамояд. Чунин ҳолати амалӣ боиси норозигӣ ва арзу шикояти шаҳрвандон ва дигар шахсон мегардад. Дар бисёри мавридҳо, ҳолатҳои ба вуҷуд омада аз номукаммал буданӣ танзими шартномавии сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ гувоҳӣ медиҳад. Барои такмили он таҳқиқотҳои илмию амалӣ ва пешниҳодҳои асоснок лозим аст.

Мубрамияти мавзуи таҳқикоти диссертатсионӣ бо он собит мегардад, ки натиҷаҳои он ба ҳимояи ҳуқуқҳои мадании ҳиссагузорони сохтмони бинои истиқоматӣ, тавозун дар муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ ва таъмини волияти қонун мусоидат мекунад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишташуда, ягонагии мантиқии дохилӣ дорад. Натиҷа, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда навгонӣ доранд ва барои такмили танзими шартномавии сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ мусоидат мекунанд.

3.Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқуи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7. 01 соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқикот дар 10 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо ифодакунандаи моҳият ва мазмуни диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсмяҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Султонова Д. Ш., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз ҷой надорад, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риояшудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Султонова Д. Ш., маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби довталаб чопгардида, ҷой надорад.

Банди 61 Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06 соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта, Комиссия пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Султонова Дилрабо Шодихоновна дар мавзуи “Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании шартномаи сохтмони ҳиссагии бинои истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12. 00. 03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқуи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2.Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- Бобоев Ҷамрод Қурбонович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсонии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – Муассисаи таълимии байнидавлатии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферати диссертатсия дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Имомова Н. М.

**Аъзои комиссия:**

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Сангинзод Д. Ш.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқии
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон: Қодиров Н. А.

"28" марти соли 2024.